# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мудабирзода Зафарҷон Бадридин дар мавзуи “Таърихнигории таърихи водии Рашт (давраи нав, навтарин ва муосир)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисои 6D020300 – Илмҳои таърих ( 6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

Ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ – иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва хусусиятҳои этнографию тавсифи антропологии сокинони водии Рашт дар асарҳои таърихӣ, сафарномаҳо ва ёддоштҳои сайёҳони кишварҳои гуногун, хусусан муҳаққиқони тоинқилобии рус инъикоси худро ёфтааст, ки то кунун мавриди таҳлили нисбатан пурраи таърихнигорӣ қарор нагирифтаанд.

Дар замони шӯравӣ ва даврони истиқлол роҷеъ ба таърихи водии Рашт як қатор асару мақолаҳо рӯи чоп омаданд. Ҳамчунин, ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ноҳияҳои водии Рашт дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва матбуоти даврӣ инъикоси худро ёфтаанд, ки то имрӯз аз нигоҳи таърихнигорӣ матраҳ нагардидаанд. Бинобар ин, моҳияти омӯзиши таърихнигории таърихи водии Рашт дар доираи таҳқиқи рисолаи илмӣ аҳаммияти муҳими илмӣ дошта, ба ин васила саҳми олимонро дар таҳқиқӣ таърихи ин минтақа возеҳан муайян намудан мумкин аст.

Мудабирзода Зафарҷон Бадридин диссертатсияи худро дар асоси нақшаи фардӣ, ки дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш тасдиқ гардидааст, ба пуррагӣ иҷро намуда, он ба талаботи аснодҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ оид ба корҳои илмии докторантони (PhD) ҷавобгӯй буда, он аз дониши амиқ, муфассал ва васеи назариявию амалии муаллиф дарак медиҳад. Дар раванди навиштани диссертатсия

муаллиф тавонистааст бо истифода аз сарчашма ва адабиёти илмӣ корро оид ба масъалаҳои таърихнигории таърихи водии Рашт мустақилона ба анҷом расонида, меъёру талаботи сохтор ва таркиббандии диссертатсияҳои доктолиро риоя кардааст. Дар диссертатсия масъалаҳои асосии марбут ба вазъи таърихнигории таърихи водии Рашт дар давраҳои наву навтарин ва муосир таҳлил гардидааст. Матни диссертатсия бо мундариҷаи он пурра мувофиқат мекунад.

Мавзӯи мазкур то ҳанӯз дар ҳаҷми диссертатсияи докторӣ (PhD) баррасӣ нагардидааст, бинобар ин интихоби онро дуруст ва актуалӣ ҳисобидан мумкин аст. Дар маҷмуъ, ба таври хронологӣ таҳқиқ ва инъикос намудани масъалаҳои таърихнигории таърихи водии Рашт муҳиммияти мавзуи интихобшудаи таҳқиқро муайян мекунанд.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки муаллиф омӯзиши масоили сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии минтақаи Раштро дар давраҳои наву навтарин аз ҷониби муҳаққиқон мавриди баррасӣ қарор дода, дурустии инъикоси воқеаҳоро дар манобеи хаттӣ, адабиёти илмӣ ва асарҳои илмиву оммавӣ мушаххас ва ҷойгоҳи онҳоро муайян намуда, маълумотҳои таърихии вобаста ба Қаротенин тоза ёфтшударо ба доираҳои илмӣ ворид намояд.

Объекти таҳқиқот таҳлили осори муаррихон ва донишмандони давраи тоинқилобӣ, замони шӯравӣ ва давраи истиқлолияти давлатӣ мебошад, ки асарҳои онҳо дар муқоиса ба ҳамдигар баррасӣ мегарданд.

Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот бой буда, дар он маводи Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон, маъхазҳои хаттӣ, маҷмӯаҳои оммору истифода гардиданд. Дар диссертатсия инчунин аз маводи матбуоти даврӣ – рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои марказӣ, ҷумҳуриявӣ ва ноҳиявӣ, нашриётҳои даврии соҳавӣ ва махсус истифода гардидааст.

Таърихнигории таърихи водии Рашт дар давраи нав, навтарин ва муосир то кунун ба таври маҷмуӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор

нагирифтааст. Аз ин рӯ, навгониҳои илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ масоили таърихнигории таърихи водии Рашт дар давраҳои муайян баррасӣ мегардад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст.

Дар маҷмӯъ, дар навишти диссертатсия муаллиф пас аз омӯзиши сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ ва гузаронидани таҳлилу муқоиса тавонистааст вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро намояд.

Хулоса, диссертатсия мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои докторӣ (PhD)-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, комилан ҷавобгӯи он мебошад. Автореферати диссертатсия мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Дар ҳамин асос, диссертатсияи мазкур кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, ба дифои кушод тавсия карда шуд.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи Мудабирзода Зафарҷон Бадридин дар мавзуи “Таърихнигории таърихи водии Рашт (давраи нав, навтарин ва муосир)” кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, он ба бандҳои асосии «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, № 295) комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он –Мудабирзода Зафарҷон Бадридин – сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои таърих,**
**профессор, узви вобастаи Академияи милили**

**илмҳои Тоҷикистон** **Ҳ.Пирумшоев**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони
академикҳо Раҷабовҳо, 9, Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониш
Тел: 992 915-46-41-00
**21 январи соли 2025**

Имзои доктори илмҳои таърих,
профессор, узви вобастаи Академияи милили
илмҳои Тоҷикистон Ҳ.Пирумшоевро тасдиқ мекунам.

Нозири шуъбаи кадрҳо Г.Файзуллоева

ШУЪБАИ КАДРҲО

10.02.2025